# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмии номзади илмҳоги педагогӣ Ҷиёнзода Зулфия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Ҷиёнзода Зулфия соли 2012 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси омӯзгори фанни химия-биология хатм намудааст.

Ҷиёнзода Зулфия соли 2012 - 2014 дар зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳсил намудааст. Мавсуф аз соли 2014 то ин ҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи химия ва методикаи таълими факултети Химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намуда истодааст. Номбурда ҳанӯз солҳои донишҷӯ буданаш ба корҳои илмӣ рағбат пайдо намуда буд ва дар конференсияҳои илмии донишҷӯн пайваста бо маърӯзаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи донишҷӯён баромад менамуд. Ҳамин тавр, майлу рағбати Ҷиёнзода Зулфия ба корҳи илмӣ зиёд гардида, бештар диққати ӯро таҳқиқи масъалаҳои таълиму тарбияи донишҷӯён ба худ ҷалб менамуд. Аз ин ҷост, ки ӯ бо маслиҳати ман мавзӯи «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ»-ро ба сифати диссертатсияи номзадӣ интихоб намуд.

Мавзӯи интихобнамудаи унвонҷӯ Ҷиёнзода Зулфия аз он ҷиҳат мубрам аст, ки вазъи имрӯза дар ҷомеа заруряати ба низом даровардани тарбияи донишҷӯёну ҷавононро ба миён мегузорад. Бинобар ин, дар шароити нави инкишофи ҷомеа дар назди илми педагогика ҷорӣ намудани модели нави таҳсилот гузошта мешавад, ки вазифаи он аз тарбияи шахсияти нотакрор иборат буда, дар навбати худ талаботи ҷиддӣ зоҳир намудан ба мубрамсозии шахсияти донишҷӯёнро тақозо

мекунад.

Мубрамии мавзуи интихобнамудаи Ҷиёнзода Зулфия дар он зоҳир меёбад, ки аз ҷониби олимони ватанӣ проблемаи худмубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ мариди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Дар диссертатсия барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ вазифаҳои муҳим, ба монанди асоснок намудани ҷанбаҳои илмии анъана ва навовариҳо оид ба фарҳанги инноватсияҳо дар муассисаи таҳсилоти олии касбии муосир; тавсифи шароитҳои педагогии технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; муайян намудани моҳияти шароитҳои педагогии раванди ташаккули рафтори бовары бахши донишҷӯён ҳамчун масъалаи умумипедагогӣ; тарҳрезии шароитҳои педагогии ташаккули шахсияти донишҷӯён ҳамчун намояндагони фарҳанги нав дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ матраҳ гардидааст.

Боби аввали диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ-методологии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ»** номгузорӣ шуда, дар он назарияҳо оид ба анъанаҳо ва инноватсияҳо дар фарҳанг ва таҳсилот таҳлил гаштаанд, инчунин технологияҳои муосир ҳамчун қисмати фарҳанг ва таҳсилот баррасӣ ёфтаанд. Дар боби мазкур фарҳанг ҳамчун зуҳуроти фавқуттабиӣ, ки бо фаъолияти инсон дар эҳёи таҷриба ва эҷоди навоварӣ алоқаманд аст, баррасӣ шудааст. Мафҳуми фарҳанг аз нуқтаи назари арзишҳои умумиинсонӣ таҳлил гардидааст, ки инсонро ҳамчун ҳомилони фарҳанг муарифӣ мекунанд. Таҳлил нишон додааст, ки фарҳанг дар худ механизмҳои муҳофизати арзишҳо ва меъёрҳои асосиро дорад. Ин механизмҳо тавассути институтҳои иҷтимоӣ, аз қабили оила, мактаб амалӣ мешаванд. Онҳо насли навро бо арзишҳои фарҳангӣ ошно сохта, ба ин васила, ба идомаи он мусоидат мекунанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Муайян намудани шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги**

**инноватсионӣ»** унвон гирифта, дар он асосҳои илмӣ, ғояҳои асосӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди татбиқгардии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ баррасӣ гардидаанд.

Таҳлили методологӣ ва назариявӣ ба унвонҷу имкон додааст, ки диалектикаи анъана ва инноватсия дар фарҳанг ва маориф, арзёбии технологияҳои инноватсионӣ ва мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ муайян карда шавад. Қисмати мазкури мафҳумҳои методологӣ, назариявӣ ва технологӣ бо чунин мафҳумҳо, ба монанди «ҷомеаи инноватсионӣ», «шахсияти инноватсионӣ», «фаъолияти инноватсионӣ», «нерӯ и инноватсионии шахсият» бевосита ва бавосита робита доранд.

Боби сеюми диссертатсия – **«Татбиқи шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ»** ба ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот бахшида шудааст. Дар боби мазкур марҳилаи назоратии озмоиш ба итмом мерасад. Таҳлили маълумоти ба даст омада ба унвонҷӯ имкон додааст, ки коркард ва тасвиби методҳои таъсиррасониро ба мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои пешниҳодгардида барои хулосаҳои минбаъда ва ташкили тавсияҳо асос маҳсуб ёфтаанд. Ин маълумотҳо бо натиҷаҳое қиёс гардидаанд, ки дар марҳилаҳои дигари таҳқиқот, ҷиҳати таъмини эътимоднокии хулосаҳои баровардашуда ба даст омадаанд. Дар асоси натиҷаҳои мазкур тавсияҳои мушаххас оид ба мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ барои истифодаи амалӣ таҳия гардидааст. Ҳамзамон, унвонҷӯ иброз намудааст, ки тамоюли рушди худмубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ дар шароити кунунӣ бараъло эҳсос карда мешавад.

Дар давраи анҷом додани диссертатсия Ҷиёнзода Зулфия худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос, ташаббускор муаррифӣ намуда, имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият супоридааст. Мақолаҳои нашрнамудаи ӯ мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҷиёнзода Зулфия оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ 10 мақола ба омода намудааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд. Ҷиёнзода Зулфия дар конференсиҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявию донишгоҳӣ фаъолона ширкат варзида, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намудааст. Ӯ таҳқиқгари фаъол буда, дар байни ҷомеаи ҳамкорону донишҷӯён сазовори обрӯю эътибори хоса мебошад.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Ҷиёнзода Зулфия теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва психологиро оид ба мавзӯи таҳқиқотӣ омӯхта, таҳлилу натиҷагирӣ намуда, аз худ бовиҷдонӣ, фаъолнокӣ, ироданокӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятнокиро нишон дод.

Диссертатсияи Ҷиёнзода Зулфия «Шароитҳои педагогии мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
мудири шӯъбаи педагогика
ва методикаи таълими Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон — Файз Гулмадов

Имзои Ф. Гулмадовро тасдиқ мекунам.
Мудири бахши кадрҳо ва
коргузории АТТ — М. Саидова

**Маълумот барои тамос:** 734 024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2 gulmadov53@mail.ru
10.01.2026